Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 67 (4807) | ДУШАНБЕ, 27 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# ИМКОНИЯТҲО БАРОИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ЗИЁДАНД, АММО...

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара**

**ноҳияи Данғара, 25-уми майи соли 2024**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мулоқоти анъанавии мову шумо дар давраи ба анҷом расидани мавсими киштукори баҳорӣ ва оғози ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ баргузор мегардад.

Мо бояд масъалаҳои таъмин намудани фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ, самаранокии он, баланд бардоштани маданияти истифодаи обу замин ва дигар захираю имкониятҳои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаро баррасӣ намоем, зеро торафт шиддат гирифтани ҳолатҳои буҳронӣ дар ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла низоъҳои мухталифи минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодию тиҷоратӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он, аз ҷумла хушксолии паиҳам, моро водор менамоянд, ки барои тобовар гардонидани иқтисоди Тоҷикистон ба таъсири манфии омилҳои берунӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории кишварамон аз тамоми иқтидору захираҳои мавҷуда самаранок истифода барем.

Чунин имкониятҳо, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз манбаъҳои асосӣ барои ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳар чӣ бештар бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ маҳсуб меёбад, зиёд мебошанд.

Моро зарур аст, ки кишти зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро сол ба сол зиёд кунем ва бозори истеъмолии мамлакатро дар ҳама фаслҳои сол бо озуқаворӣ таъмин намуда, вобастагии иқтисоди кишварро аз воридоти маводи ғизоӣ мунтазам коҳиш диҳем.

Таъкид менамоям, ки танҳо бо саъю талоши ҳар як сокини мамлакат ва дар навбати аввал, роҳбарону кормандони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҳар як оилае, ки замини президентию наздиҳавлигӣ дорад, мо метавонем ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ноил гардем.

Барои таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, ташкил кардани захираи кофии он, пешгирӣ кардани болоравии беасоси нархҳо, ба роҳ мондани фаъолияти муназзами ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳар як роҳбар ва шахси масъул бояд муносибати ҷиддӣ ва масъулияти баланд зоҳир намояд. Бомаром идома додани нақшаҳои созандагию бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи ватанию хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда, дарёфти сарчашмаҳои иловагии рушд ва дигар тадбирҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин дар ин самт мебошанд.

Дар чор моҳи аввали соли 2024 дар кишвар ба маблағи 5 миллиарду 158 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,1 фоиз зиёд мебошад.

Албатта, ин хуб аст, аммо имкониятҳо барои рушди соҳа ҳоло ҳам зиёданд.

Вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имкониятҳои бештар дорад ва кишоварзони вилоят дар шароити ҳассоси ҷаҳони муосир дар ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳиссагузор бошанд.

Тибқи маълумот дар моҳҳои январ – апрели соли 2024 кишоварзони вилоят ба маблағи 2 миллиарду 350 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 8 фоиз зиёд мебошад, вале нишондиҳандаи мазкур бо дарназардошти ҳадафҳои гузошташудаи стратегӣ ва имкониятҳои вилоят ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои Норак 56 фоиз, Темурмалик- 29, Данғара- 11, Кӯшониён- 9, Панҷ 6 фоиз ва маҳсулоти чорводорӣ дар ноҳияи Ёвон беш аз 7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар вилоят заминҳои партов ҳоло ҳам зиёд буда, майдони онҳо 16 ҳазор гектар, аз ҷумла замини обӣ зиёда аз 14 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар чунин шароит 18 пойгоҳи обкашӣ фаъолият надорад, ки боиси бе об мондани беш аз 5 ҳазор гектар замин гардидааст.

Инчунин, дар вилояти Суғд 16 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 22 пойгоҳи обкашӣ фаъолият накардааст, ки мутаносибан 3,8 ҳазор гектар ва 3,3 ҳазор гектар замин бо об таъмин нагардидааст.

Соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бинобар корҳои ғайриқаноатбахши хоҷагидорӣ қариб 900 гектар заминҳои корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондаанд. Таъкид менамоям, ки иҷрои супоришҳои қаблан додашуда доир ба ин масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин нашуда истодааст.

Ҳарчанд ки ба ҳолати 17-уми май дар вилоят дар майдони қариб 200 ҳазор гектар ё 97 фоизи дурнамо кишти баҳорӣ анҷом дода шудааст, вале иҷрои дурнамои кишти картошка ҳамагӣ 80 фоиз, полезӣ 93 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 87 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, кишти картошка дар шаҳру ноҳияҳои Муъминобод ҳамагӣ 16 фоиз, Шамсиддини Шоҳин- 25, Ховалинг- 38, Бохтар- 49 ва Балҷувон 66 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Чунин ҳолат дар аксари шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад. Иҷрои дурнамои кишти картошка дар Роғун ҳамагӣ 5 фоиз, Варзоб - 8, Файзобод - 21, Рашт - 30, Тоҷикобод - 33, Лахш - 58, Нуробод - 45, Сангвор - 55, Ҳисор - 59 ва Рӯдакӣ 70 фоизро ташкил додааст.

Ҳамчунин, дурнамои кишти пахта дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат ҳамагӣ 17 фоиз, Рӯдакӣ - 57, Шаҳринав - 60 ва Ҳисор 71 фоиз таъмин гардидааст, ки хеле ташвишовар мебошад.

Инчунин, боиси нигаронӣ мебошад, ки истеҳсоли гӯшти паранда дар кишвар дар моҳҳои январ – апрели соли 2024 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24 фоиз коҳиш ёфта, ҳамагӣ 12,2 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон истеҳсоли гӯшти паранда ба 2,8 ҳазор тонна баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,2 ҳазор тонна ё 31 фоиз кам шудааст.

Дар як қатор корхонаҳои парандапарварии шаҳру ноҳияҳои вилоят истеҳсоли тухм низ коҳиш ёфтааст. Аз ҷумла, истеҳсоли гӯшти паранда дар ноҳияи Ёвон аз ҳисоби корхонаҳои парандапарварии «Беҳамто» 927 тонна, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Мурғи обӣ» 59 тонна ва «Муҳаммад Амин» 23 тонна, дар ноҳияи Вахш 68 тонна, дар шаҳри Кӯлоб 31 тонна ва дар ноҳияи Кӯшониён 66 тонна кам шудааст.

Коҳишёбии истеҳсоли тухм дар ноҳияи Панҷ 1,9 миллион дона, шаҳри Левакант 118 ҳазор дона ва ноҳияи Ёвон 132 ҳазор дона ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон бо ин, ваъзи иҷрои супоришҳои додашуда ба Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати рушд додани соҳаи хучпарварӣ ва зиёд намудани майдони боғоти он дар вилоят, махсусан дар ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон, Ховалинг, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин, қонеъкунанда нест.

Хотирнишон менамоям, ки солҳои охир бинобар омилҳои пешгӯинашаванда, бахусус тағйирёбии бесобиқаи иқлим ва оқибатҳои ногувори он, инчунин, болоравии нархи маҳсулоти озуқа, таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ дар ҷаҳон торафт мушкил гардида истодааст.

Дар кишвари мо низ тирамоҳу зимистони гузашта камбориш ва обу ҳавои баҳори имсола номусоид омада, таъсири манфии худро ба соҳаҳои мухталифи кишвар, хусусан ба соҳаҳои кишоварзӣ ва энергетика, расонид.

Чунин ҳолат моро водор месозад, ки дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҳар як оила сар карда, то муассисаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагию корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ сарфакорона истифода бурдани неруи барқ ва обро дар тамоми фаслҳои сол таъмин намоем.

Дар баробари ин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо якҷо бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати иҷрои дурнамои кишти зироатҳо, хусусан пахта, картошка ва ғалладонагию лӯбиёгиҳо, истифодаи самараноки замин ва зиёд намудани майдони кишт, кишти такрорӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Ба ин васила бояд рушди муназзами истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини бозори истеъмолии кишвар, соҳаи саноат бо ашёи хом ва афзоиши содироти маҳсулот таъмин карда шавад.

Ба Вазорати кишоварзӣ ва роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати пурра ба анҷом расонидани кишти баҳории зироатҳо ва иҷрои нақшаи кишти такрорӣ тадбирҳои муассир андешида, масъалаи таъмин намудани хоҷагиҳоро бо тухмии аълосифати картошкаю сабзавот ва дигар намуди зироатҳо, инчунин, нуриҳои маъданӣ зери назорати қатъӣ қарор диҳанд. Ҳамчунин, зарур аст, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили ғалладона чораҷӯӣ намуда, кишти такрорӣ бештар аз ҳисоби картошка, шолӣ, маккадон ва лӯбиёгиҳо васеъ ба роҳ монда шавад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ДАНҒАРА

**24-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногун дар соҳаи саноату кишоварзӣ, хизматрасонӣ, муассисаҳои нави таълимӣ, оғоз бахшидан ба сохтмони иншооти нави дигар ва мулоқот бо фаъолону сокинон ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

Нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85-ро дар деҳаи Шаҳбури деҳоти ба номи Исмат Шариф ба истифода доданд.

Бинои нави муассисаи таълимӣ дуошёна буда, масоҳати умумии қитъаи замини он наздики 1, 64 гектарро дар бар мегирад. Дар қитъаи замини номбурда бинои дуошёнаи таълимӣ, дегхона, анбори сӯзишворӣ, ҳавзи оташхомӯшкунӣ ва таҷҳизоти барқтаъминкунӣ ҷойгир шудааст. Дар маҷмӯъ, бинои нави муассисаи таълимӣ барои 500 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Мактаби нав дорои ҳуҷраҳои гуногуни фаннӣ ва компютерӣ мебошад, ки онҳо бо компютер ва таҷҳизоти лабораторӣ барои гузаронидани озмоишҳо таъмин гардидааст.

Барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии хонандагон муассиса дорои синфхонаҳои шоҳмот, майдончаи варзишии замонавӣ ва китобхона бо 20 ҷойи нишаст мебошад. Майдончаи варзишии муассиса дорои таҷҳизот барои обутоби бадан, бозии футбол, волейбол ва баскетбол мебошад.

Дар гузашта хонандагон аз муассисаи таълимӣ танқисӣ доштанду барои таҳсил аз деҳаи Шаҳбури деҳоти ба номи Исмат Шариф ба дигар деҳа мерафтанд.

Ҳамасола зиёдшавии шумораи хонандагон дар деҳаи Шаҳбури деҳоти ба номи Исмат Шарифи ноҳияи Данғара ва бештар шудани талабот ба омӯзиши илмҳои замон бошад, заруратро барои бунёди чунин як муассисаи таълимӣ тадриҷан дучанд менамуд. Ҳаминро ба инобат гирифта, соли 2023 бунёди бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85 бо ҷалби сармоя оғоз гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарҳи бунёди бино баҳои баланд дода, омӯзгоронро барои боз ҳам бештар ба таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагон ва дар роҳи худшиносию ватандӯстӣ ҳидоят намудани онҳо дастуру супоришҳо доданд.

Бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85 бо сохти меъмории замонавӣ бунёд ва дар саҳнаш гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО Ю ДОНГСУ





**24-уми майи соли 2024 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ю Донгсуро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот масоили таҳкиму густариши муносибатҳои ҳамкории ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олимақомро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд. Ҳар ду ҷониб аз ҳолати феълии робитаҳои Тоҷикистону Корея изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Зимни мулоқот рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои муҳими сиёсӣ, байнипарлумонӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ муҳокима гардида, таъкид шуд, ки бунёди корхонаҳои истеҳсоли зарфҳо ва пластинаҳои офтобӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара», ки имрӯз барои сохтмони онҳо санги асос гузошта шуд, оғозбахши марҳалаи нави рушди ҳамкорӣ хоҳад гардид.

Ҷонибҳо зимни воҳӯрӣ, инчунин, масоили мубрами минтақавию ҷаҳониро баррасӣ намуданд.

www.prezident.tj



# «САЙРИ ДУШАНБЕ»

## ТАЪСИСИ ЧОР ХАТСАЙРИ НАВИ САЙЁҲИИ ДОХИЛИШАҲРӢ

**Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе чор хатсайри нави сайёҳии дохилишаҳрӣ - «Сайри Душанбе» таъсис ёфт. Маросими ифтитоҳи расмии хатсайрҳо, ки тавассути автобусҳои дуқабата роҳандозӣ мешаванд, 24-уми май дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.**

Хатсайрҳо бо мақсади рушди сайёҳӣ, муаррифии имконияту зарфиятҳои сайёҳии пойтахт ва истифодаи самараноки онҳо, ҷалби бештари сайёҳони дохилию хориҷӣ ва дар ин замина ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами барномаҳои сайёҳӣ таъсис ёфтаанд.

Фаъолияти мунтазами хатсайрҳои «Сайри Душанбе» 25-уми май оғоз гардида, то моҳи октябри соли 2024 идома меёбад. Барои татбиқи ин хатсайрҳо ширкатҳои сайёҳӣ ва хизматрасони «King Tour», «Somon Travel», «Diyor Travel» ва «Tour Tj» ҷалб шудаанд.

Сайри пойтахт нахуст рӯзҳои истироҳат, минбаъд дар доираи талаботи меҳмонону сайёҳон бо ҷалби ширкатҳои сайёҳӣ ташкил мегардад. Сайёҳон чиптаҳоро тариқи электронӣ харид менамоянд. Тавассути хатсайр сокинону меҳмонон метавонанд бо мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳии пойтахт ошно шаванд. Зимни саёҳат роҳбаладон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар бораи таъриху фарҳанг ва гузаштаи пурғановати халқи тоҷик, инчунин, имконияти сайёҳии пойтахт маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд.

Дар доираи чорабинӣ барои иштирокчиён сайри шомгоҳии Душанбе ташкил гардида, автобус дар самти «Кохи Наврӯз», хиёбони Ҳофизи Шерозӣ, Наврӯзгоҳ, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ, меҳмонхонаи «Сафо», Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, «Майдони Истиқлол», «Кохи Ваҳдат», чойхонаи «Роҳат», Боғи ба номи Абуабдулллоҳи Рӯдакӣ, Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, Майдони 800-солагии Москва, бинои Маҷлиси Олӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Боғи Нишони давлатӣ, Китобхонаи миллӣ, Қасри миллат, Боғи Парчами давлатӣ, Осорхонаи миллӣ, «Амфитеатр», Боғи ҳайвонот, Варзишгоҳи марказӣ, Маркази «Исмоилия», «Кохи Борбад», Меҳмонхонаи «Ҳайат Реҷенсӣ»» ва «Кохи Наврӯз» ҳаракат намуд.

Зимнан, дар доираи хатсайрҳои нави дохилишаҳрӣ хатсайри Душанбе - Ҳисор низ фаъол гардида, ҳафтае як маротиба - рӯзҳои якшанбе амалӣ мешавад.

**Ф. АБДУКАРИМ, «Садои мардум»**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ДАНҒАРА



(Идома аз саҳ. 1)

Ифтитоҳи бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85 дар деҳаи Шаҳбури деҳоти ба номи Исмат Шарифи ноҳияи Данғара дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идомаи раванди созандагиҳо дар мамлакат сурат гирифта, имкон медиҳад, ки хонандагон дар шароити муосир донишҳои замонавиро аз худ намоянд.

Фароҳам овардани шароит имкон медиҳад, ки ҳавасмандии насли наврас дар доираи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои аз худ кардани илмҳои дақиқ бештар шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор гирифтани бинои нави муассисаи таълимиро дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат барои



рушди соҳаи маориф муҳим арзёбӣ намуда, насли наврасро ба омӯзиши илмҳои замонавӣ ҳидоят карданд.

**24-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бинои наву замонавии Маркази рушди малакаҳои касбӣ бо хобгоҳ дар маҳаллаи 15-уми деҳоти Корезро, ки бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба стандартҳои миллию байналмилалӣ бунёд шудааст, ифтитоҳ намуданд.**

Бинои Маркази рушди малакаҳои касбӣ дар ноҳияи Данғара дар масоҳати умумии беш аз як гектар ва ба маблағи 35 миллион сомонӣ бунёд гардидааст. Шароити муҳайёгардида дар ин марказ имконият медиҳад, ки таълим дар як баст барои то 150 нафар ба роҳ монда шавад ва ҳамин тариқ дар як сол беш аз 1800 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Маркази рушди малакаҳои касбӣ аз синфхонаи барҳавои таълимӣ бо 90 компютер, толорҳои таҷрибаомӯзӣ ва бисёрфунксионалӣ, ҳуҷраҳои




машваратӣ, санитарию гигиенӣ, маъмурӣ, толори маҷлисгоҳ бо 135 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Иншооти хуштарҳу замонавии навбунёд дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмин ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтарсозии малакаи касбӣ ва бо шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ бунёд гардид.

Маркази рушди малакаҳои касбӣ дар ноҳияи Данғара аз бинои таълимии чорошёна ва хобгоҳи чорошёна иборат аст. Сохтмони иншооти мазкур моҳи августи соли 2022 оғоз гардида, бо сифати баланд ва дар муҳлати муайяншуда ба анҷом расонида шуд. Баъди ба истифода додани маркази номбурда 70 нафар бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар ин марказ дар баробари омӯзиши 5 намуди касб, аз ҷумла мутахассиси коркарди меваю сабзавот, таъмиргари техникаи кишоварзӣ, роҳбари хоҷагии деҳқонӣ, таъмиргари асбоби рӯзгор ҳамчунин, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, аз қабили англисӣ, русӣ ва кореягӣ, ба роҳ монда шудааст, ки ҳар як хонанда баъди хатм соҳиби сертификати байналмилалӣ мегардад.

Дар заминаи маркази мазкур барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ба ҷавонон ва занон бунёди се маркази нави рушди малакаҳо дар назар аст, ки бо лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд. Дар Маркази рушди малакаҳои касбӣ дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ба роҳ монда шудааст.

Шароити фароҳамгардида дар маркази мазкур имкон медиҳад, ки новобаста ба синну сол нафароне, ки хоҳишу завқи соҳибкасб шудан доранд, метавонанд дар он ҷо ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Иншооти навбунёд бо тамоми таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин буда, дар он камераҳои назоратӣ насб гардидааст. Ҳамзамон, дар дохили бино маркази нигоҳубини кӯдакон ва хобгоҳ бо 130 ҷойи хоб иборат аз 57 ҳуҷра таъсис дода шудааст. Масоҳати умумии қитъаи замини он зиёда аз як гектарро ташкил медиҳад.

Дар марказ омӯзиши малакаҳои касбӣ дар мувофиқа бо ассотсиатсияҳои соҳавӣ муайян шудаанд. Барномаҳои нави таълимӣ барои давраи кӯтоҳтар нисбат ба таълими муқаррарӣ барои гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, ки имкони пардохти таълим ё сарфи вақти барои барномаи ТИКТО дар шакли рӯзона муқаррargardidaro... 

Барои ҳавасманд кардани занон ҷиҳати иштирок дар раванди таълим ба занони таълимгиранда нигоҳубини ройгони кӯдакон ва стипендия пешбинӣ шудааст. Маоши омӯзгорон дар марказ то 5500 сомониро ташкил медиҳад.

Машваратҳо оид ба таъминшавӣ бо кор бо истифодаи таҷҳизоти таҷдидшудаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ «ТИК» ва нармафзор барои санҷиши қобилият пешниҳод карда шудааст.

Инчунин, дар саҳни бинои муосир майдончаи хурд барои бозии футбол бунёд шуда, атрофи он бо гулҳои рангоранги мавсимӣ оро ёфтаанд. Синфхонаҳо ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасони он ба системаи гармидиҳӣ пайваст аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ дар иншооти навбунёд ба масъулин барои бо шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки чунин марказҳои муҷаҳҳази касбомӯзӣ дар саросари кишвар бояд бунёд карда шаванд. Ин пешниҳод аз ҷониби шарикони рушд хуб пазируфта шуд.

**24-уми майи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара барои бунёди филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон санги асос гузоштанд.**

Дар ҳамон ҷо ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи бунёди иншооти сохташаванда, як бинои нуҳошёна, ду бинои ҳафтошёна ва ду бинои чорошёна муаррифӣ карда шуд.

Зимни муаррифии лоиҳаи филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон иттилоъ дода шуд, ки бунёди иншоот талаботи замон мебошад. Ин иншооти нави соҳаи маориф барои 3500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, баробари ба истифода додани он дар марҳилаи аввал 400 нафар бо кор таъмин мегардад.

Намои берунаи иншоот бо тарҳи муосир оро дода мешавад. Дар баробари синфхонаҳои таълимӣ, ҳамчунин, филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара аз хобгоҳ, маҷлисгоҳ, китобхонаи илмӣ - электронӣ, озмоишгоҳҳо, марказҳо, парки технологӣ, толори варзиш, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат хоҳад буд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар асоси лоиҳа дар хобгоҳи муассиса барои 2500 донишҷӯ шароити муосир фароҳам оварда мешавад.

Маҷмааи нави соҳаи илму маориф дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба стандартҳои миллию байналмилалӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия мувофиқ ба талаботи ҷаҳони муосир бо истифода аз технологияи «иқтисоди сабз» сохта мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ҷиҳати анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ дар иншооти сохташаванда ва ҷалби коргарони маҳаллӣ дар раванди корҳо супоришҳои мушаххас доданд.

**24-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияро ифтитоҳ намуданд.**

Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара дар заминаи дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоя аз маблағҳои Бонки исломии рушд ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти соҳаи тандурустӣ дар масоҳати наздики 1 га замин сохта шуда, дорои 153 ҳуҷраи корӣ, 3 дорухона, 5 ҳуҷраи ҷарроҳӣ, нуқтаи дандонпизишкӣ бо технологияи нав, 40 озмоишгоҳи муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири тиббӣ буда, толори маҷлис дар ошёнаи шашуми бино ҷойгир шуда, дорои 114 ҷойи нишаст мебошад.

Айни замон дар Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара 475 корманд фаъолият дошта, аз нисф зиёди онҳоро занон ташкил медиҳанд, ки ин самараи татбиқи сиёсати Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии занону бонувон ва боло бурдани мақоми онҳо дар ҷомеа мебошад.

Иншоот ба низоми мустақили гармидиҳӣ пайваст аст. Саҳни беморхонаро дарахтони ҳамешасабз ва сояафкан зебу зинат бахшида, намудҳои гуногуни гулҳои мавсимию ороишӣ шинонида шудааст.

Маркази саломатӣ аз 3 қисм иборат буда, биноҳои канорӣ 6-ошёна ва бинои марказӣ 7-ошёна мебошад.

Муассисаи мазкур бо мақсади таъмини хизматрасонии босифату муосири тиббӣ ба сокинони ноҳияи Данғара ва шаҳру ноҳияҳои атрофи он бунёд гардида, ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Маркази саломатӣ дорои имкониятҳои маҷмӯии ташхису табобат буда, дар як вақт ба 700 эҳтиёҷманд хизмати тиббӣ мерасонад.

Марказ дорои таҷҳизоти тиббие мебошад, ки бо ташхиси хун бештар аз 30 намуди бемориҳоро муайян мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бинокорону муҳандисон барои бо сифати баланд бунёд намудани иншооти муосир изҳори сипос намуданд.

Ёдовар мешавем, ки 26 апрели соли 2023 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғара бо рафти корҳои сохтмонӣ дар бинои Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара шинос шуда, ба коргарону мутахассисон ҷиҳати анҷоми сифатноки корҳо супоришҳои мушаххас дода буданд.

Шароити хуби табобати гиёҳдармонӣ ва тавонбахшию машқҳои варзишӣ низ дар Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара муҳайё шудааст.

Ҷиҳати ташхиси дақиқи беморӣ дар беморхона дастгоҳҳои рақамии томографию рентгенӣ насб шудааст. Барои расонидани кумаки фаврии тиббӣ ба беморон воситаҳои нақлиёти махсуси муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои муосири тиббӣ фаъолият мекунад. Ғайр аз ин, беморхона бо барномаҳои махсуси компютерӣ таъмин гардида, бақайдгирии электронии нишондоди беморон ва хулосаҳои ташхису машварати табибон тавассути шабакаи дохилӣ интиқол дода мешавад. Дар баробари ин, маркази номбурда иқтидор дорад минбаъд чун пойгоҳи асосии омода намудани мутахассисони тиббии вилоят ва кишвар хизмат намояд. Дар заминаи беморхона кафедраи фанҳои муолиҷавӣ ва педиатрӣ барои таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои



тиб ва татбиқи назария дар амалия ба роҳ монда шудааст.

Тибқи нақша дар ошёнаи якум қабулгоҳ, дар ошёнаи дуюм маъмурият ва ҳуҷраҳои ёрирасон, ошёнаи сеюм ва чорум табибони соҳавӣ, ошёнаи панҷум маркази тавонбахшӣ ва синфхонаҳои таълимӣ ва дар ошёнаи шашум маҷлисгоҳ ҷойгир шудааст.

Дар бино мутахассисони Маркази солимии репродуктивӣ, Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, Маркази иммунопрофилактика, Маркази бемориҳои сил, Маркази тропикӣ, Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, Маркази бемориҳои вируси норасоии масунияти одам, Маркази экспертизаи судӣ ва ғайра ҷойгир шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардидаанд.

Дар Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара барои ташхису табобати тамоми бемориҳо, аз ҷумла гӯшу бинӣ, чашм, гулӯ, қанд, дилу рагҳо, саратон, узвҳои даруна, гурда, бемориҳои рӯҳӣ, асаб, бемориҳои сироятӣ, шароити муосир муҳайё шудааст.

Мавриди тазаккур аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон беҳтар гардидааст.

Чунин дастовардҳоро кормандони соҳа аз шарофати сулҳу субот, ваҳдату истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати муваффақу боровари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод мекунанд.

**24-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ғарғараи деҳоти Корези ноҳияи Данғара бинои мактаб-интернатро ифтитоҳ карданд.**

Иншооти муосир аз ду ошёна иборат буда, барои зиёда аз 600 таълимгиранда пешбинӣ шудааст. Муассисаи таълимӣ аз синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ, озмоишгоҳ, китобхона ва толори хониш иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди чунин бинои хуштарҳу замонавӣ ва фароҳам шудани шароити муосирро барои таълиму тарбияи ятимон натиҷаи таваҷҷуҳу дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ояндаи ин қишри ояндасози Ватан арзёбӣ карданд.

Бинои замонавии мактаб-интернат бо ҷалби сармояи хориҷӣ, аз муассисаҳои мададрасони арабӣ ва саҳмгузории фаъолонаи гурӯҳи соҳибкорони маҳаллӣ сохта шудааст.

Иншооти иҷтимоӣ дорои маҷлисгоҳ бо 266 ҷойи нишаст, ошхона, бунгоҳи тиббӣ ва толори варзишии барҳаво мебошад. Хонандагон метавонанд дар баробари омӯзиши дарс дар синфхонаҳои таълими меҳнат ҳунарҳои гуногун аз худ намоянд.

Татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овардааст, ки шароит барои таълиму тарбияи насли наврас пурра ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ шавад.

Ҳамчунин, муассиса дорои хобгоҳи замонавӣ барои 200 нафар мебошад. Дар ҳар ҳуҷра барои зисти наврасон ва омода кардани дарсҳо имконияти замонавӣ фароҳам оварда шудааст. Инчунин, таълимгирандагон метавонанд дар хобгоҳ аз китобхона ва толори барҳаво барои мутолиа истифода намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгорону наврасонро барои истифодаи муфид аз шароити муосири фароҳамшуда, аз худ кардани илмҳои дақиқ, донистани забонҳои хориҷӣ ва оянда ҳамчун кадрҳои лаёқатманди хештаншинос хизмат кардан ба нафъи давлату миллат вазифадор намуданд.

Майдончаи футбол, боғи дарахтони мевадиҳандаю сояафкан, майсазор, роҳравҳои сафолакпӯш ва чароғҳои равшанидиҳанда атрофи муассисаро зебою назаррабо гардонидааст.

**24-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Данғара дар деҳаи Ғарғараи деҳоти Корези ноҳия коргоҳи истеҳсолии «Мушки Модар»-ро бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Дар он ҷо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки сохтмони коргоҳи истеҳсолии «Мушки Модар» дар масоҳати умумии 30 гектар замин моҳи марти соли 2023 бо ҷалби сохтмончиёни маҳаллӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ оғоз гардида, моҳи майи соли равон ба анҷом расидааст.

Дар коргоҳи истеҳсолӣ таҷҳизоти муосир аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас шуда, раванди истеҳсолот бо навтарин технология иҷро карда мешавад.

Коргоҳи нави саноатӣ дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар дар заминаи фазои мусоиди соҳибкорӣ бунёд гардидааст.

Баъди ба истифода додани коргоҳи мазкур зиёда аз 30 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Коргоҳи мазкур дар як рӯз имкон дорад, ки беш аз 2 тонна маҳсулоти гуногун,



аз ҷумла собун ва дигар намуди моеи зарфшӯиро истеҳсол намояд.

Маҳсулоти истеҳсолшаванда дар коргоҳ ивазкунандаи воридот буда, дар шароити деҳот ба роҳ мондани истеҳсолот ва дастрасии он ба сокинони маҳаллӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ яке аз иқдомҳои наҷибу созанда ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамон ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи маҳсулоти коргоҳи «Мушки Модар» муаррифӣ карда шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати маҳсулоти истеҳсолгардидаи коргоҳ баҳои баланд дода, ба соҳибкорону кормандон ҷиҳати зиёд гардонидани ҳаҷми истеҳсолу содироти маҳсулоти ватанӣ маслиҳатҳои муфид доданд.

**24-уми майи соли ҷорӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Усто Файзалӣ»-ро ба истифода доданд.**

Фаъолияти коргоҳи саноатӣ дар асоси технологияи нав ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли мебел равона карда шуда, дар он 30 нафар сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шудаанд.

Технологияи корхона аз Туркия ва Чин ворид гардида, минбаъд мизу курсӣ ва ҷевони китоб бо андозаҳои гуногун истеҳсолу ба харидорон пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон, намудҳои гуногуни маҳсулоти тайёр барои истифода дар шароити хона ва ҳуҷраҳои корӣ сохта мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи иншооти истеҳсолиро дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар деҳот муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карда, таваҷҷуҳи намояндагони бахши хусусӣ ва мутахассисонро ба истифодаи муфид аз технологияи муосир ва истеҳсоли маҳсулоти босифати рақобатпазир ҷалб намуданд.

Технологияи муосири Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Усто Файзалӣ» имкон медиҳад, ки дару тиреза ва дигар намуди маҳсулот мувофиқ ба дархости мизоҷон бо андоза ва нақшу нигори гуногун истеҳсол карда шавад.

Таҷрибаи кандакорӣ дар чӯб бо истифода аз технологияи муосир дар такя ба таҷрибаи устоҳои мардумӣ мутобиқ ба талабот равнақ дода мешавад.

Дар ҳамон ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намунаи маҳсулоти корхона шинос шуданд. Маҳсулоти чӯбӣ ва пластикии корхона бо ба назар гирифтани талабот дар асоси тарҳи муосир пешниҳод карда мешавад.

Иҷрои намунавии супоришҳои Роҳбари давлат аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёду барқароршавии коргоҳу корхонаҳои саноатӣ, афзоиши маҳсулоти рақобатпазири ивазкунандаи воридот, васеъшавии имкониятҳои истеҳсолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон мусоидат намудааст.

Минбаъд сокинони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва дигар манотиқи кишвар метавонанд намудҳои гуногуни маҳсулоти босифатро аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Усто Файзалӣ» дастрас намоянд.

**24-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара дар деҳаи Ғарғараи деҳоти Корез майдони Парчами давлатиро ифтитоҳ карданд.**

Майдони Парчами давлатӣ дар мавзеи зебоманзари маркази деҳаи Ғарғараи ноҳияи Данғара дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун нишони эҳтироми арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ аз ҷониби як гурӯҳ соҳибкорони ватандӯсту ташаббускор бунёд гардидааст. Дар он ҷо дар вазъияти тантанавӣ бо садо додани Суруди миллӣ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барафрохта шуд.

Пояи Парчами давлатӣ бо баландии 54 метр қомат афрохта, дарозии матои Парчами давлатӣ 14 метр ва паҳноии он 7 метр мебошад. Дар майдони гулгашти Парчами давлатӣ фаввораи замонавӣ сохта шудааст, ки ба он ҳусну зинат мебахшад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи майдони Парчами давлатии Тоҷикистон бо мақсади арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию худшиносии миллӣ дар замири шаҳрвандони кишвар, махсусан наврасону ҷавонон, дар марказ ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои мамлакат парафшон карда мешавад.

Муқаддасоти миллӣ мояи ифтихору сарбаландӣ ва шарафмандии сокинони кишвар буда, ҳамагонро ба дӯст доштани Ватан ва ҳимояи сарзамини биҳиштосои аҷдодӣ ҳидоят менамояд.

Ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, ифтихори миллӣ, садоқат ба тамаддуну фарҳанги ниёгон, корҳои бунёдкорию созандагӣ баҳри рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол вазифаи ҳар як сокини ватандӯст мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи Парчами давлатиро дар деҳаи Ғарғараи ноҳияи Данғара чун рамзи муаррификунандаи давлату миллати сарбаланди тоҷик дар арсаи байналмилалӣ дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ барои сокинон, хусусан наврасону ҷавонон, туҳфаи арзишманд маънидод карданд.

**24-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази деҳаи Ғарғараи ноҳияи Данғара баъди ба истифода додани гулгашт ва майдони Парчами давлатӣ, бинои нави Маркази ташхис ва табобатро мавриди истифода қарор доданд.**

Маркази ташхису табобат дар доираи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби як гурӯҳ соҳибкорони ватанӣ бунёд гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки Маркази ташхис ва табобат дар масоҳати умумии 0,33 гектар доман паҳн карда, бинои асосӣ ва шуъбаи бистарикунонии он бо назардошти иншооти ёрирасон 900 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Бинои шуъбаи бистарикунонӣ дорои 37 кат мебошад ва барои қабулу табобати беморон имконияти мусоид дорад. Дар Маркази ташхисию табобатӣ 20 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо кор таъмин шудаанд.

Бинои асосии марказ аз 2 ошёна ва таҳхона иборат буда, 25 ҳуҷраи корӣ дорад. Дар қабати якуми бино ҳуҷраҳои табибон, ташхиси фаросавтӣ (узи), дорухона ва дар ошёнаи дуюм ҳуҷраҳои кории роҳбарият, маҷлисгоҳ, ҳуҷраҳои табибони дигар ҷойгиранд. Таҳхонаи биноро барои озмоишгоҳ бо дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ пешбинӣ намудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба масъулин ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии деҳот супоришҳои мушаххас доданд.

Бояд таъкид намуд, ки иншооти мазкур бо техникаю технологияи нав муҷаҳҳаз буда, барои сокинони деҳаи Ғарғара ва атрофи он туҳфаи арзанда маҳсуб меёбад, зеро то ин дам набудани чунин ташхисгоҳ ва маркази табобатӣ боиси мушкилоти зиёди сокинони ин минтақа буд. Акнун бо фароҳам омадани шароит, мушкилоти мавҷуда бартараф шуда, хизматрасонии тиббӣ мувофиқи матлаб ба роҳ монда мешавад.

Ҷиҳати кабудизор гардонидани саҳни муассиса тадбирҳои ободонӣ амалӣ карда шуда, дарахтони ороишию сояафкан ва гулҳои мавсимию бисёрсола ба ҳусни марказ зебоии нав зам менамояд.

Зимни суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ҷиҳати дастгирии иқдомҳои созандаю бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар изҳори сипос намуда, иқдоми мазкурро шоистаи таҳсин хонданд.

Дар навбати худ кормандони марказ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати фароҳам овардани чунин имконоти мусоид дар деҳот, изҳори миннатдорӣ намуда, ваъда доданд, ки барои беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва рушди он дар ҷомеа минбаъд низ саҳми муносиби худро хоҳанд гузошт.

**24-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар деҳаи Яккатути деҳоти Корези ноҳия ба фаъолияти Маҷмааи фарҳангию фароғатии «Насими диёр» расман оғоз бахшиданд.**

Иншоот ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби як гурӯҳ соҳибкорони маҳаллӣ бунёд шудааст.

Дар ҳудуди маҷмаа майдони бозиҳои кӯдакон, варзишгоҳ барои футбол бо 840 ҷойи нишаст ва тарабхона бо 150 ҷой мавҷуд аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз инфрасохтору шароити фароҳамгардида ва ба сифати корҳо баҳои баланд дода, иқдоми соҳибкоронро дар самти дастгирию татбиқи барномаю стратегияҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи ибрат арзёбӣ намуданд.

Варзишгоҳи маҷмаа дар заминаи татбиқи «Барномаи давлатии рушди футбол барои солҳои 2022-2026» бунёд гардидааст. Майдони муосир макони хуб барои баргузории мусобиқаҳои футбол мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси ҷавонмардонаи соҳибкорро намунаи ибрат хонда, ба фаъолият оғоз кардани иншоотро ҷиҳати рушди сайёҳӣ ва татбиқи ҳадафҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар дар самти рушди деҳот неку муассир арзёбӣ намуданд.

**24-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» барои бунёди аввалин Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти панелҳои офтобӣ санги асос гузошта, бо лоиҳаи иншооти сохташаванда шинос шуданд.**

Мувофиқи лоиҳа, корхонаи саноатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҷониби Ширкати ашёҳои глобалии офтобии Ҷумҳурии Корея (Global Solar Wafer) дар чор марҳила бунёд гардида, баъд аз татбиқи пурраи лоиҳа беш аз 8 ҳазор нафар дар чор марҳила бо кор таъмин карда мешаванд, ки 95 фоизашро шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Фаъолияти корхонаи мазкур ба истеҳсоли таҷҳизоти панелҳои офтобӣ равона карда шуда, ҳаҷми сармоягузории он дар чор марҳила 2 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Дар доираи фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар қисми ғарбии Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» барои бунёди ин корхонаи бузург 22 гектар замин ҷудо гардида, оғози корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи аввал моҳи июли соли равон пешбинӣ шудааст.

Зимни муаррифии ин тарҳи муосири корхонаи саноатӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи аввал моҳи марти соли 2025 ба анҷом расонида шуда, дар натиҷа истеҳсоли таҷҳизоти панелҳои офтобӣ бо иқтидори 5 ҳазор мегаватт ба роҳ монда мешавад.

Ба роҳ мондани истеҳсоли панелҳои офтобӣ дар корхонаи мазкур барои расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди «иқтисоди сабз» тавассути бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз» заминаи мусоид фароҳам меорад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ДАНҒАРА




(Идома аз саҳ. 2)

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба рушди муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистону Корея дар бахшҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ баҳои баланд дода, иншооти бунёдшавандаро намунаи олии ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва рушди истеҳсолот арзёбӣ намуданд.

Дар соли 2023 гардиши савдо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея 116,1 миллион долларро ташкил дода, айни ҳол беш аз 13 ширкати хизматрасонию истеҳсолии ин кишвар дар Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Дар кишвари мо барои рушди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ беш аз 100 намуди имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ шудааст, ки ин барои пешбурди кори савдою тиҷорат ва дигар намуди хизматрасонӣ мусоидат менамояд.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ бо дастгирӣ ва иқдомҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шуд, ки имрӯз фаъолияти назаррас доранд. Айни ҳол дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 34 субъект ба қайд гирифта шудааст, ки 8-тои он фаъолият намуда, дар соли 2023 ба маблағи 73 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд.

Дар чор моҳи аввали соли 2024 теъдоди субъектҳои минтақа ба 35 адад расонида шуд, ки аз ин маблағи 8 субъекти саноатӣ, 3 муассисаи хизматрасон, 13-то машғули корҳои ташкилӣ ва амалишавии лоиҳа ва 11 корхона дар марҳилаи ҳуҷҷатгузорӣ қарор доранд.

**Бегоҳии 24-уми майи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мавзеи сохтмони меҳмонхонаи муосир дар маркази ноҳияи Данғара ташриф оварда, бо рафти корҳои аввалия барои бунёди ин иншоот, ки аз 16 ошёна иборат хоҳад буд, шинос шуданд.**

Тавре аён гардид, зербинои заминии меҳмохона бунёд ёфта, омодагӣ ба идомаи сохтмон ҷараён дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур доданд, ки суръати сохтмон тезонида шуда, ҳамчунин, ба сифати корҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Хотиррасон бояд намуд, ки сохтмони ин меҳмонхонаи муосир иқдоми соҳибкорони маҳаллӣ аст. Онҳо азм доранд, ки дар ободонии ноҳия, бунёди заминаи ҷалби сайёҳону меҳмонони дигар ва муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ саҳмгузор бошанд.



**25-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон мулоқот доир намуданд.**

Дар мулоқот таъмин намудани фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани маданияти истифодаи обу замин, захираю имкониятҳои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти соҳа баррасӣ гардида, барои амалисозии ҳадафҳои созанда ва ислоҳи баъзе камбудиҳо дар назди мақомоти давлатии ҷумҳуриявию маҳаллӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, роҳбарони вилоятҳои дигар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок доштанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он, аз ҷумла хушксолии паиҳам барои тобовар гардонидани иқтисоди Тоҷикистон ба таъсири манфии омилҳои берунӣ ва таъмини амнияти озуқаворechoии кишвар, дастур доданд, ки аз тамоми иқтидору захираҳои мавҷуда самаранок истифода шавад.

Таъкид гардид, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ идомаи татбиқи нақшаҳои созандагию бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи ватанию хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда, дарёфти сарчашмаҳои иловагии рушд ва дигар тадбирҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин дар ин самт мебошанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи соҳаи кишоварзиро таҳлилу натиҷагирӣ намуда, изҳор доштанд, ки дар чор моҳи аввали соли 2024 дар кишвар ба маблағи 5 миллиарду 158 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,1 фоиз зиёд мебошад. Аммо имкониятҳо барои рушди соҳа ҳоло ҳам зиёданд.

Тибқи маълумот дар моҳҳои январ - апрели соли 2024 кишоварзони вилояти Хатлон ба маблағи 2 миллиарду 350 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 8 фоиз зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаи мазкур бо дарназардошти ҳадафҳои гузошташудаи стратегӣ ва имкониятҳои вилоят ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки ҷиҳати иҷрои дурнамои кишти зироат, истифодаи самараноки замин ва зиёд намудани майдони кишт, кишти такрорӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироат чораҳои зарурӣ андешанд.

Вазорати кишоварзӣ ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати пурра ба анҷом расонидани кишти баҳории зироат ва иҷрои нақшаи кишти такрорӣ тадбирҳои муассир андешида, масъалаи таъмин намудани хоҷагиҳоро бо тухмии аълосифати картошкаю сабзавот ва дигар намуди зироат, инчунин, нуриҳои маъданӣ зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Ҳамчунин, зарур шуморида шуд, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили ғалладона чораҷӯӣ намуда, кишти такрории картошка, шолӣ, маккадон ва лӯбиёгиҳо васеъ ба роҳ монда шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи масъулинро ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои бекорхобида, аз худ кардани заминҳои нав ва бо усули обёрии қатрагӣ зиёд кардани масоҳати заминҳои кишт ҷалб намуданд.

Вилояти Хатлон дар самти содироти меваю сабзавот, бахусус меваю сабзавоти барвақтӣ, иқтидори бузург дорад, вале истифодаи ин имкониятҳо ҳанӯз ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки ҷиҳати мунтазам таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин тадбирҳои қатъӣ роҳандозӣ намоянд.

Дар даҳаи дуюми моҳи май дар натиҷаи боридани боронҳои шадид дар баъзе минтақаҳо омадани сел, обхезӣ ва сангрезиш рух дода, дар баробари расонидани зарари иқтисодӣ талафоти ҷонӣ низ ба қайд гирифта шуд.

Ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати пурра бартараф кардани оқибати офатҳои табиӣ, расонидани кумаки зарурӣ ба зарардидагон дар самти огоҳсозии пешакии аҳолӣ аз хатарҳои эҳтимолии экологӣ ва пешгирӣ намудани оқибатҳои чунин ҳолатҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар вилояти Хатлон барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои миллӣ ва ҳалли масъалаҳои соҳавӣ 44 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи онҳо то имрӯз 9,7 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, энергетика, нақлиёт, сайёҳӣ ва пешгирии ҳодисаҳои фавқулода равона шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ватанӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва лоиҳаҳои дар Барномаи давлатии сармоягузорӣ дарҷгардида вусъат дода шавад.

Дар моҳҳои январ - апрели соли 2024 дар вилояти Хатлон ба маблағи 3,2 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,2 фоиз зиёд мебошад, вале аз суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 3,3 банди фоизӣ кам аст.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки имкониятҳои истифоданашудаи вилоят дар самти рушди саноат, махсусан, саноати коркард ниҳоят зиёданд, ки ҷиҳати пурра истифода намудани онҳо ташаббускории роҳбарону масъулони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, вазорату идораҳои соҳавӣ, ҷалби сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам зарур мебошад.

Таъкид карда шуд, ки ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ворид намудани технологияҳои муосир, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот, таъсиси ҷойҳои кории нав, зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард, масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба ҳалли онҳо диққати ҷиддӣ дода шавад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ИМКОНИЯТҲО БАРОИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ЗИЁДАНД, АММО...

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара**

**ноҳияи Данғара, 25-уми майи соли 2024**

(Идома аз саҳ. 1)

Ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва дигар вазорату идораҳо зарур аст, ки ҷиҳати қатъиян таъмин намудани иҷрои супоришҳо вобаста ба ислоҳи камбудиҳо ва рушди соҳа чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки ба масъалаҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои бекорхобида, аз худ кардани заминҳои нав ва бо усули обёрии қатрагӣ зиёд намудани масоҳати заминҳои кишт эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Тибқи маълумот дар моҳои январ - апрели соли 2024 аз кишвар 84,3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 50 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла содироти меваю сабзавот 40 ҳазор тоннаро ба маблағи 158 миллион сомонӣ ташкил дода, беш аз 30 афзоиш ёфтааст.

Аз ин нишондиҳанда 32 ҳазор тонна ба маблағи 145 миллион сомонӣ ё 92 фоизи меваю сабзавоти содиротшуда ба вилояти Суғд рост меояд. То ба имрӯз аз вилояти Суғд ба хориҷи кишвар 11 ҳазор тонна меваи хушк ва зиёда аз 1000 тонна танҳо гелосу зардолу содирот шудааст.

Вилояти Хатлон дар самти содироти меваю сабзавот, бахусус, меваю сабзавоти барвақтӣ, иқтидори бузург дорад, вале истифодаи ин имкониятҳо ҳанӯз ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст.

Соли гузашта ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии кишвар 56 фоизро ташкил додааст, вале дар 4 моҳи аввали соли ҷорӣ ҳиссаи содироти меваю сабзавот аз вилоят ҳамагӣ 6 фоизи содироти умумии меваю сабзавоти кишварро ташкил додааст, ки чунин вазъ андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ҳоло дар вилоят 72 сардхона бо иқтидори умумии нигоҳдории 27 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ мавриди истифода қарор дорад, ки барои пурра таъмин намудани эҳтиёҷоти бозори истеъмолӣ ва содироти минбаъдаи он кофӣ нест. Доир ба бунёди сардхонаю гармхонаҳо супоришҳои дахлдор дода шуда буданд, вале иҷрои онҳо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ таъмин нашудааст.

Бори дигар ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки ҷиҳати мунтазам таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар чораҳои таъхирнопазир андешанд. Зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ доир ба ташкили корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бандубасти он ва таъсиси марказҳои логистикӣ вусъат дода шавад.

Таъкид месозам, ки ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин дар вилояти Хатлон ҳоло ҳам ташвишовар мебошанд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин дар вилоят танҳо дар чор моҳи аввали соли 2024-ум 1824 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардидааст.

Роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин тадбирҳои қатъиро роҳандозӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки бо сабаби номусоид омадани обу ҳаво, аз ҷумла боришоти зиёд, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ ва пешгирӣ кардани оқибати офатҳои табиӣ, 10-уми майи соли ҷорӣ ба Сарвазири мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастурҳои мушаххас дода шуданд. Бо вуҷуди ин, дар даҳаи дуюми моҳи май дар натиҷаи боридани боронҳои шадид дар баъзе минтақаҳо омадани сел, обхезӣ ва сангрезиш рух дода, дар баробари расонидани зарари иқтисодӣ талафоти ҷонӣ низ ба қайд гирифта шуд.

Ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати пурра бартараф кардани оқибати офатҳои табиӣ ва расонидани кумаки зарурӣ ба зарардидагон тамоми чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Инчунин, якҷо бо кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ҳамкориро дар самти огоҳсозии пешакии аҳолӣ аз хатарҳои эҳтимолии экологӣ ва пешгирӣ намудани оқибатҳои чунин ҳолатҳо тақвият бахшанд.

Саридораи геология бо истифода аз натиҷаҳои бадастомадаи муҳандисию геологӣ ва бо нишон додани минтақаҳое, ки зери таъсири омилҳои хатарноки табиӣ қарор доранд, ҳар чӣ зудтар Атласи равандҳои экзогению геологии кишварро таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳоло дар вилояти Хатлон барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои миллӣ ва ҳалли масъалаҳои соҳавӣ 44 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи онҳо то имрӯз 9,7 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, энергетика, нақлиёт, сайёҳӣ ва пешгирии ҳодисаҳои фавқулода равона карда шудаанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, роҳбарияти вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки барои самаранок амалӣ гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бунёди сифатноки иншооти пешбинигардида, харидорӣ ва истифодаи мақсадноки техникаю таҷҳизоти замонавӣ пайваста чораҷӯӣ намоянд.

Зарур аст, ки ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ватанӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва лоиҳаҳои дар Барномаи давлатии сармоягузорӣ дарҷгардида, вусъат дода шавад.

Дар чор моҳи аввали соли 2024 ба иқтисодиёти кишвар аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 6,6 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки 1,5 миллиард сомонӣ ё 20 фоизи он ба вилояти Хатлон рост меояд. Ин нишондиҳанда ҳоло ҳам нокифоя мебошад.

Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзи додашуда дар кишвар ҳамагӣ 17 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ ва 9 фоиз ба соҳаи саноат, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 29 фоиз ба кишоварзӣ ва 5 фоиз ба саноат дода шудааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мутобиқ нест.

Ба Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ зарур аст, ки барои таъмин намудани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлат, махсусан, дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Дар моҳҳои январ - апрели соли 2024 дар вилояти Хатлон дар ҳаҷми 3,2 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,2 фоиз зиёд мебошад, вале аз суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 3,3 банди фоизӣ кам аст.

Таъкид менамоям, ки тибқи талаботи ҳадафи саноатикунонии босуръат рушди соҳаи саноат ҳамасола бояд на кам аз 20 фоиз таъмин карда шавад. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 66 фоиз, Ёвон 9,4 фоиз ва Норак 3 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ дар вилоят 22 корхонаю коргоҳи нав таъсис ёфтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41 корхона кам мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Вахш, Дӯстӣ, Қубодиён, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритус, Носири Хусрав, Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Фархор, Темурмалик, Шамсиддини Шоҳин, Балҷувон ва Норак ягон корхона ё коргоҳи нав таъсис дода нашудааст. Дар баробари ин, аз 826 корхонаи саноатии вилоят дар ин давра 21 корхона аз фаъолият бозмондааст.

Илова бар ин, дар ин давра дар вилоят истеҳсоли хишт 33 фоиз, ресмони пахтагин 25 фоиз, семент 17 фоиз, гаҷсанг 14 фоиз, бетони сохтмонӣ 12 фоиз ва маҳсулоти дӯзандагӣ 11 фоиз коҳиш ёфтааст.

Хусусан, 34 фоиз коҳиш ёфтани истеҳсоли либоси мактабӣ ташвишовар мебошад. Дар давраи зикршуда дар 15 шаҳру ноҳияи вилоят, аз ҷумла Вахш, Хуросон, Дӯстӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Ёвон, Левакант, Кӯлоб, Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин, Норак, Балҷувон, Ҳамадонӣ ва Ховалинг либоси мактабӣ умуман истеҳсол нашудааст, ки андешидани чораҳои фавриро тақозо менамояд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки имкониятҳои истифоданашудаи вилоят дар самти рушди саноат, махсусан, саноати коркард, ниҳоят зиёданд, ки ҷиҳати пурра истифода намудани онҳо ташаббускории роҳбарону масъулони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, вазорату идораҳои соҳавӣ, ҷалби сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам зарур мебошад.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав сабабҳои барҳам хӯрдани корхонаҳои саноатӣ ва дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани рушди истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатиро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард, масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба ҳалли онҳо диққати ҷиддӣ дода шавад. Таъкид менамоям, ки танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем ҳадафи стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръатро таъмин намоем.

Тавассути афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, хусусан, молҳои ивазкунандаи воридот, мо метавонем бозори дохилиро бо маҳсулоти хушсифат ва безарар таъмин намуда, пеши роҳи воридоти маҳсулоти пастсифат ва зараровари хориҷиро гирем. Вале воридоти маҳсулоти ниёзи мардум ва дигар намудҳои молу маҳсулот аз хориҷи кишвар, ки барои истеҳсоли онҳо дар вилоят захираҳо фаровонанд, ҳанӯз зиёд мебошад.

Соли 2023 танҳо ба ҳудуди гумрукии вилоят чунин молу маҳсулот ба маблағи 663 миллион сомонӣ ворид шудааст, ки 23 фоизи ҳаҷми умумии воридоти вилоятро ташкил медиҳад. Илова бар ин, ба бозори истеъмолии вилоят ин намуди молу маҳсулот тавассути гузаргоҳҳои гумрукии дигар минтақаҳои кишвар дар ҳаҷми зиёд ворид мегардад.

Такроран таъкид месозам, ки барои истеҳсоли чунин молу маҳсулот имкониятҳои васеи вилоят истифода нашуда истодаанд. Масалан, талаботи бозори истеъмоли вилоят ба маҳсулоти макаронӣ 9 ҳазор тоннаро ташкил дода, соли 2023 дар вилоят ҳамагӣ 505 тонна истеҳсол шудааст, ки 5,6 фоизи талаботро қонеъ мегардонад.

Талабот ба собун дар вилоят 14 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, вале соли 2023 дар вилоят ҳамагӣ 16 тонна истеҳсол шудааст, ки талаботро умуман қонеъ намегардонад.

Ҳамзамон бо ин, талаботи бозори истеъмоли вилоят ба маҳсулоти ҳасибӣ беш аз 3 ҳазор тоннаро ташкил дода, соли 2023 дар вилоят ҳамагӣ 567 тонна ин намуди маҳсулот истеҳсол шудааст, ки 19 фоизи талабот мебошад.

Инчунин, талабот ба равғани растанӣ 42 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, вале дар соли 2023 истеҳсоли он дар вилоят ба 16,5 ҳазор тонна расидааст, ки ҳамагӣ 39 фоизи талаботро қонеъ мегардонад.

Талаботи вилоят ба нуриҳои минералӣ дар як сол беш аз 110 ҳазор тонна мебошад. Соли 2023 дар вилоят 36,5 ҳазор тонна нурӣ истеҳсол шудааст, ки 33 фоизи талаботи вилоятро ташкил медиҳад.

Соли 2023 танҳо ба ҳудуди гумрукии вилоят ба маблағи қариб 110 миллион сомонӣ 22 ҳазор тонна нурии минералӣ ворид карда шудааст.

Талаботи бозори истеъмоли вилоят ба гӯшти мурғ тақрибан 20 ҳазор тоннаро ташкил дода, дар соли 2023 ин намуди маҳсулот дар вилоят 15 ҳазор тонна истеҳсол шудааст, ки 76 фоизи талаботро қонеъ мегардонад.

Талаботи вилоят ба маводи доруворӣ тақрибан 400 миллион сомониро ташкил дода, соли 2023 дар вилоят ин намуди маҳсулот ҳамагӣ ба маблағи 12 миллион сомонӣ истеҳсол шудааст, ки талаботро умуман қонеъ намегардонад.

Дар соли сипаришуда ба ҳудуди гумрукии вилоят ба маблағи 10 миллион сомонӣ маҳсулоти доруворӣ ворид гардидааст.

Ҳамчунин, қолин, шоколад, консерваи гӯштӣ ва дигар маҳсулоте, ки дар ҳаҷми миллионҳо доллар ба кишвар ворид мешавад, дар ҳудуди вилоят умуман истеҳсол намегардад. Бинобар ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор доир ба рушди соҳаи саноат, хусусан, саноати сабук, хӯрокворӣ, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва доруворӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Инчунин, ба масъалаҳои ворид намудани технологияҳои муосир ва тавассути коркарди пурраи захираҳои ашёи хоми вилоят, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Бо ин мақсад зарур аст, ки Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро пурра истифода намоянд, инчунин паркҳои технологӣ ва маҷмааҳои саноатию агросаноатиро ташкил ва рушд диҳанд.

Ба роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо якҷо бо Вазорати молия ва Кумитаи андоз, ҳамчунин, супориш дода мешавад, ки ҷиҳати сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулии онҳо ва роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Хотиррасон менамоям, ки дар Паёми Президенти кишвар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо пурра ҷорӣ кунанд. Инчунин, супориш дода шуд, ки ба раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳамчун масъалаи муҳимтарин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ суръат бахшида шавад. Зеро гузариш ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои мухталиф метавонад рушди бемайлони иқтисодии кишварро таъмин намояд.

Гузариш ба ин низом имкон медиҳад, ки роҳандозии шаффофияти амалиёти молиявӣ ва пурра ба расмият даровардани муносибатҳои иқтисодӣ, бамаротиб афзудани даромади буҷети давлатӣ, паст кардани хароҷот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рақобатнокии субъектҳои хоҷагидор ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, хусусан, хизматрасониҳои давлатӣ, таъмин карда шавад. Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат вазифадоранд, ки ҷиҳати таъмини пурра ва саривақтии супоришҳои додашуда тамоми чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида вазъи муассисаҳои таълимии кишвар беҳтар гардида истодааст.

Бо вуҷуди ин, дар вилояти Хатлон як қатор масъалаҳо, аз ҷумла дар сатҳи паст қарор доштани фарогирии кӯдакон ба зинаи таҳсилоти томактабӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҷалб нагардидани соҳибкорону сармоягузорон барои бунёди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ, ҷой доранд.

Илова бар ин, масъалаҳои дар ҳолати садамавӣ қарор доштани биноҳои 114 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва таъмирталаб будани биноҳои 89 муассисаи таҳсилоти умумӣ, дар се баст фаъолият намудани 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ низ ҳанӯз ҳалталаб боқӣ мемонанд.

Роҳбарияти вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати ислоҳи саривақтии камбудиҳои мавҷуда тадбирҳои мушаххас андешанд. Аз ҷониби мақомоти дахлдор дар асоси нақшаи муштарак рӯзи 17-уми майи соли ҷорӣ дар 3592 мактаби миёнаи кишвар санҷиши ногаҳонӣ гузаронида, раванди таълиму тарбия ва дар дарсҳо ҳозир будани омӯзгорону хонандагон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар вилояти Хатлон 1333 муассисаи таҳсилоти миёна санҷида шуда, маълум гардид, ки 39 ҳазор хонандагон дар дарсҳо бе ягон сабаб иштирок надоранд. Ҳамчунин, 12 ҳазор хонанда бе воситаҳои таълимӣ, яъне китобу дафтар ва дигар ашёи хониш, қариб 12 ҳазор хонанда бо либосҳои ғайримактабӣ ба дарс омадааст.

Аз шумораи умумии омӯзгорон 810 нафар дар машғулиятҳо бесабаб ҳузур надоштанд, 617 омӯзгор бидуни омодагӣ ва 744 омӯзгор бо намуди зоҳирии номуносиб ба муассисаҳои таълимӣ ҳозир шудаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон 811 омӯзгор, аз ҷумла 415 муаллими фанҳои дақиқ ва 396 муаллими фанҳои гуманитарӣ, намерасад. Айнан чунин ҳолат дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт, ошкор шудааст.

Аз вазири маориф ва илм, роҳбарони вилоятҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон ва ҳамаи шаҳру ноҳияҳо қатъиян талаб карда мешавад, ки барои бартараф кардани ҳолати зикршуда чораҳои фаврӣ андешанд ва аз натиҷааш дар муҳлати ду ҳафта ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот диҳанд.

Дар соҳаи тандурустии вилоят низ як қатор мушкилоти ҳалталаб, аз ҷумла норасоии 720 табиб, ба талабот мутобиқ набудани биноҳои баъзе муассисаҳои тандурустӣ ва кам будани воситаҳои нақлиёти тиббӣ, мушоҳида мегарданд.

Ба роҳбарияти вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар бунёду барқарорсозии 28 ҳазору 435 иншооти таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ, аз ҷумла 6 ҳазору 260 иншоот дар вилояти Хатлон, ба нақша гирифта шудааст.

Ба ҳолати 10 майи соли ҷорӣ дар саросари кишвар бештар аз 11 ҳазор иншооти ҷашнӣ ба истифода дода шудааст, ки 39 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Хатлон 2809 иншоот мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст, ки ба 45 фоизи нақшаи пешбинигардида баробар мебошад. Иҷрои нақша дар як қатор шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла Кӯшониён аз ҳисоби миёнаи иҷрои нақша дар вилоят 38 фоиз, Ёвон - 29, Ҷайҳун - 23, Муъминобод - 25, Кӯлоб - 23, Данғара - 25, Шамсиддини Шоҳин - 34 ва Балҷувон 37 фоиз кам мебошад.

Ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ва вазорату идораҳое, ки масъули иҷрои корҳои ободонию созандагӣ ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таъин гардидаанд, супориш дода мешавад, ки барои иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаҳои пешбинигардида, инчунин, риояи меъёрҳои қабулшудаи сохтмон ва санъати баланди меъморӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Бо истифода аз иштироки роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мехоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям. Ҳамаи шумо барои бартараф кардани камбудиҳое, ки рӯзи 9-уми март дар мулоқоти Роҳбари давлат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар баён гардиданд ва нақшаи чорабиниҳои дар асоси он тасдиқшуда масъулияти шахсӣ доред, зеро роҳбарию сарварии ин ё он шаҳру ноҳия ё ҷамоати шаҳраку деҳот ба зиммаи шумо гузошта шудааст. Яъне, шумо вазифадор ҳастед, ки мардумро сарварӣ кунед, мушкилоту масъалаҳои ҳаёти сокинони шаҳру ноҳияҳоро сари вақт ҳаллу фасл намоед, пеш аз ҳама, худатон ташаббускору намунаи ибрат бошед ва фаромӯш накунед, ки мардум ба шумо мувофиқи рафтору гуфторатон баҳо медиҳанд.

Дар суханронии худ рӯзи 9-уми март қариб тамоми масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа, равандҳои номатлубу хатарнок барои сулҳу субот, оромию осоиши мардуми кишвар ва роҳҳои бартараф кардани онҳоро баён намудам. Шумо бояд дар ҳалли ин масъалаҳо пешсаф бошед, муросокорию дурӯягӣ ва бетарафию бепарвоӣ накунед.

Сабақи талхи бетарафиро мардуми кишвар ва аз ҳама зиёд сокинони вилояти Хатлон аз сар гузарониданд.

Мову шумо бояд ҳамеша шукронаи сулҳу оромиро ба ҷо оварем, мардум, аз ҷумла ҷавононро ба роҳи дуруст ва ободкорию созандагӣ ҳидояту роҳнамоӣ кунем.

Барои иҷрои вазифаҳои гузоштешуда ва амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба ҳамаи сокинони вилоят ва ба шумо - роҳбарону фаъолони вилоят барори кор мехоҳам.

**Саломат бошед!**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ДАНҒАРА

(Идома аз саҳ. 3)

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷиҳати сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулии онҳо ва роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат ба масъулин супориш доданд.

Инчунин, дастур дода шуд, ки ба раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҳамчун масъалаи муҳимтарин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, суръат бахшида шавад.

Таъкид гардид, ки дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида вазъи муассисаҳои таълимии кишвар беҳтар гардида истодааст. Бо вуҷуди ин, дар вилояти Хатлон як қатор масъалаҳо, аз ҷумла дар сатҳи паст қарор доштани фарогирии кӯдакон ба зинаи таҳсилоти томактабӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҷалб нагардидани соҳибкорону сармоягузорон барои бунёди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ, ҷой доранд.

Роҳбарияти вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва Вазорати маориф ва илм супориш гирифтанд, ки ҷиҳати ислоҳи саривақтии камбудиҳои мавҷуда, аз ҷумла аз ҳолати садамавӣ баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ ва таъмини омӯзгорон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки дар соҳаи тандурустии вилоят низ як қатор мушкилоти ҳалталаб, аз ҷумла норасоии табибон, ба талабот мутобиқ набудани биноҳои баъзе муассисаҳои тандурустӣ ва кам будани воситаҳои нақлиёти тиббӣ, мушоҳида мегарданд.

Ба роҳбарияти вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар бунёду барқарорсозии 28 ҳазору 435 иншооти таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ, аз ҷумла 6 ҳазору 260 иншоот дар вилояти Хатлон, ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ва вазорату идораҳое, ки масъули иҷрои корҳои ободонию созандагӣ ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таъин гардидаанд, вазифадор шуданд, ки барои иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаҳои пешбинигардида, инчунин, риояи меъёрҳои қабулшудаи сохтмон ва санъати баланди меъморӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дар машварат Сарвари давлат бо истифода аз иштироки роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш доданд, ки фаъолон барои бартараф кардани камбудиҳое, ки рӯзи 9 март дар мулоқоти Роҳбари давлат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар баён гардиданд, масъулияти баланд дошта бошанд.

Дар фароварди суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба ҳамаи сокинони вилоят ва ба роҳбарону фаъолон барори кор орзу намуданд.

Дар қисмати дуюми мулоқот раисони вилоятҳои Хатлону Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои Хатлон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳисобот доданд ва зимнан ба онҳо доир ба ҷоннок намудани корҳо дар самтҳои гуногуни фаъолият супоришҳои дахлдор дода шуд.

Зимни ҳисоботи раисони вилоятҳо ва суолу ҷавобҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷамъоварии саривақтии ҳосили ғалладона ва васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ, аз ҳисоби гандум ва дигар ғалладонаҳои худӣ, ки имсол ҳосили фаровони он ба чашм мерасад, зиёд намудани захираҳои давлатӣ ва содироти меваю сабзавоти барвақтӣ ба хориҷи кишвар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд. Ба масъулини дахлдори сатҳи ҷумҳуриявию вилоятӣ оид ба ин ва дигар масоил, аз ҷумла барои дарёфти роҳҳои паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар заминҳои кишоварзии ноҳияи Данғара, баланд бардоштани сифати сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва нигоҳубини дурусти зербинои нақлиётӣ, супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин, зарурати иҷрои босифати супоришҳои дар мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар додашуда, аз ҷумла доир ба таълиму тарбияи дурусти насли наврас ва пешгирӣ аз фирефта шудани ҷавонону наврасон бо афкори таассубу тундравии динӣ, таъкид гардид.

**www.prezident.tj**



# ҶАЛАСАИ СЕНЗДАҲУМИ КОМИССИЯИ ҲАМКОРИИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШУРОИ ФЕДЕРАТСИЯИ МАҶЛИСИ ФЕДЕРАЛИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**24-уми майи соли 2024 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи сенздаҳуми Комиссияи ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия дар шакли маҷозӣ баргузор гардид.**

Дар он аъзои Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия аз ҳар ду ҷониб, кормандони дастгоҳҳои палатаҳои болоӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар иштирок доштанд. Дар оғози ҷаласа ҳамраисони комиссия Раҷаббой Аҳмадзода ва Николай Журавлёв суханронӣ намуданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки ҷаласаи навбатии Комиссияи ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ба рушди муносибатҳои ҳар ду кишвар дар самтҳои гуногуни ҳамкорӣ тақвият мебахшад.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа нахуст омодагӣ ба Форуми VIII байнипарламентии «Тоҷикистон-Россия: неруи ҳамкории байниминтақавӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар доираи он аъзои комиссия доир ба вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла илм, маориф, инчунин, амнияти минтақавӣ ва дигар масъалаҳои муҳим, мубодилаи афкор намуданд.

Вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

**www.majmilli.tj**


## ЭЪЛОН!

ҶДММ «Сайёҳон» ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонад, ки аз ҷониби корхона шиноснома, телефонҳои мобилӣ, аз ҷумла «Самсунг», «Айфон», «Редми», кортҳои миллӣ, корти «Visa», ҳуҷҷатҳои хона ва ғайра ашёҳои гумшуда ёфт шудаанд. Хоҳишмандем шаҳрвандон барои гирифтани маълумот бо телефони 773333317 муроҷиат намоянд.

## ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён барои ба фурӯш баровардани амволи ғайриманқули ба ҳабсгирифташуда, воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Фароғат, ки ба қарздорон Қаландарова Руқиямо Бобоевна ва Абдулҳафизов Шуҳрат Сафаралиевич тааллуқ доранд, манзили истиқоматӣ иборат аз 2097 $м^2$ музояда эълон менамоянд.

Нархи ибтидоии амволи ғайриманқул 260000 (дусаду шаст ҳазор) сомониро ташкил менамояд.

**Музояда 24-уми июни соли 2024, соати $10^{00}$** бо усули англисӣ баргузор мешавад.

Маълумотро оид ба баргузории музояда бо телефони 93-464-99-99 гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии замини дараҷаи А№ 0028131 бо рақами кадастрии 03-16-000022-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 15 августи соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи 55 ба Тоҳиров Раҳмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо №5979 таҳти рақами инвентарии 18990-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 25 июли соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи 55 ба Тоҳиров Раҳмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №236369, ки онро МТМУ №53-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 1997 ба Ҳикматова Фарангис Абдукаримовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Бекмуротов Намоз Юлдошевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №2023010127, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2023 ба Баротов Аҳмадбек Азизбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирӣ аз Феҳрасти ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 25-уми апрели соли 2024 таҳти №118645 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Севастополская, бинои 6, хонаи 6 ба Ширинов Раҳматулло Ҷунайдович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0288527, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 июни соли 2011 таҳти №2019 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, деҳоти Симиганҷ, деҳаи Тангаӣ, ба артели заршӯии «Помир» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Абуалӣ ибни Сино, бинои 110/1 ҶСП «Корпоратсияи мусофирбар» ба Гулова Рахшона Сафаралиевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Манзилсозҳои аъло» (РМА 010100074, РЯМ 0110024164), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 29-уми октябри соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Шаҳбоз ва Комрон» (РМА 010103072, РЯМ 0110026804), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20-уми июни соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


28 май – Рӯзи Қӯшунҳои сарҳадӣ

# МАРЗ ВА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**Марз ё сарҳад шарти асосии мавҷудияти давлат буда, дар баробари дигар муқаддасоти миллӣ муҳим аст. Вай бештар хосияти сиёсӣ дорад. Дар раванд ва ташаккули сохти давлатдорӣ масъулият барои ҳифзу ҳимояи он меафзояд, зеро амнияти халқу давлат ба дараҷаи ҳимояти сарҳад вобаста мебошад. Агар дар замонҳои қадим масъулияти ҳимояи марзу бум ба зиммаи тоифаҳои алоҳида, лашкар ва халқ бошад, бо гузашти даврон ва рушду нумӯи сохти давлатдорӣ, беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ, вусъати сарҳад, қудратмандии ҳамсоягон ва амнияти аъзои ҷамъият авзо тағйир ёфт. Аз ин рӯ, ниҳодҳои хоса созмон дода мешаванд, то ки бори масъулиятро ба дӯш гиранд.**

**Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ин рисолатро Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад, ки аз бунёди он 30 сол сипарӣ мешавад. Ба бунёд ҷавон бошад ҳам, таҷрибаи бузург аст. Дар саргаҳи бунёди Қӯшунҳои сарҳадӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистанд. Дар солҳои душвортарин, дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, бо ташаббуси Пешвои миллат бригадаи махсуси марзбонон иборат аз 1200 нафар таъсис дода шуд, ки минбаъд ба ниҳоди мукаммал дар ҳайати КДАМ табдил ёфт.**



Дар бораи вазифа ва уҳдадориҳои ниҳод моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид мекунад: «...Намуди махсуси қӯшунҳоянд, ки барои ҳимоя ва муҳофизати Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд».

Вазифа ва рисолати шаҳрвандони мамлакат, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва неруҳои қудратӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшану бармалост. Ин вазифа ва уҳдадорӣ дар моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мешавад: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».

Мувофиқи он ҳар сокини созанда ва ватанпараст муҳофизи марзи давлат аст, вале рисолати асосӣ ба дӯши фарзандони содиқ ва огоҳи кишвар, ки унвони марзбонро доранд, гузошта шудааст. Амиқтар биандешем, рисолаташон ҳифзи забон, арзишҳои миллӣ, анъанот, таърихи бисёрсараи мардум, зебоиҳои Ватан, амну осоиши падару модар, хонаву дар ва хешу бародар мебошад, ки муқаддас аст. Сарҳадбонони тоҷик амалеро анҷом медиҳанд, ки се даҳсола пештар империяи паҳноварии шуравӣ бо 250 миллион аҳолӣ ва иқтидори бемисли иқтисодӣ ва ҳарбӣ адо мекард.

Дар замони нав масъулияти марзбонон ба маротиб меафзояд. Ҳифзи сарҳад огоҳӣ, зиракии сиёсӣ ва чолокию шуҷоатро тақозо мекунад, зеро ин ниҳод дар хати аввали муқовимат қарор дорад. Муқовимат на танҳо набард бо силоҳ аст, балки бо таълимот ва донишу огоҳӣ низ ҳаст.

Аз бунёди нахустин давлатҳо ҳифзи марз вуҷуд дошт ва то имрӯз батадриҷ меъёр, раво, вазифа ва василаҳои ҳифзи он такмил ёфта устувортар мегардад. Марз чун атрибути арзишманди давлатдорӣ бо ибораҳои шартӣ, ахлоқию равонӣ таҳким ёфта, заминаҳои худшиносӣ, хештаншиносӣ ва ватанпарвариро ба вуҷуд меоварад. Дар ин замина пайдоиши ибораҳои пурҳикмати «Марзи Ватан - марзи номус», «Қарзи ватандорӣ», «Ҳадди ватандорӣ», ҳимояи «Ватан-Модар», ки бо анъанаю арзишҳои миллӣ, оини ватанпарастӣ тавъаманд, ҳар як шаҳрвандро дар ҳимояи давлати миллӣ ҳидоят ва вазифадор мекунанд.

Ин ҳама аз таҷрибаи таърихии халқамон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ берун омада, такомул ёфта, ба санадҳои устувор мубаддал шудааст. Ба ҷуз аз сарҳади давлатӣ ҳадди шараф, номус ва виҷдон вуҷуд дорад, ки барои амният ва мавҷудияти миллат хеле муҳим аст. Фарҳангу арзишҳо, қоидаҳои нонавиштаи мардумӣ ва анъанаву русуму урфу одат низ марзи худро доранд. Таъсири ҷиддии фарҳанги бегона, ба он чӣ зикр шуд, маънои шикасти осори чандинасра, поҳои давлату миллат аст. Бетарафӣ ва бетафовутӣ ва мусоидат кардан ба ин раванд аз ҳадди виҷдону шараф берун қадам ниҳодан мебошад, ки хиёнати ошкорост.

Мардуми тоҷик дар ин самт таҷриба дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Таърихи халқи шарафманду сарбаланд ва бонангу номуси тоҷик пур аз мисолу намунаҳои ҷасорату матонат ва шуҷоату далерии фарзандони ватандӯсте мебошад, ки барои ҳимояи марзҳои сарзамини муқаддаси аҷдодӣ, ҳатто ҷони худро дареғ надошта, ҳар як ваҷаб хоки онро чун неъмати бебаҳо ҳифзу эҳтиёт кардаанд».

Таҷрибаи тӯлонии давлатсозию давлатмеҳварӣ, ба истилоҳи дигар, мардумсозию мардуммеҳварӣ ба халқи тоҷик хос аст. Яъне, тавонистаанд гирди ҳам биёянд, забону одату русуми ягонаро дар ҳудуди муайян созмон ва ҳунару санъату адабро густариш диҳанд. Дар ин замина тамаддуни бузурге биофаранд, ки дар сарнавишти башарият нақши бориз дошта бошад. Ниёгони бузургамон, ба мисли Куруши Кабир, Дориюш, Аршак, Анушервон, Яъқуб ибни Лайс, Исмоили Сомонӣ, дар ташкилу такмили давлатдорӣ хидматҳои арзанда кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миллатҳои гуногун зиндагӣ доранд. Ҳама гуна фаъолият ва амал дар чорчӯбаи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии эътирофшуда рӯйи кор меояд. Ба қавли муаррихон, асрҳои тӯлонӣ марзу ҳудудро ҷангҳо ва империяҳои маҳаллӣ ва фарогир муқаррар мекарданд. Аз ин рӯ, борҳо марзҳо вайрон, давлатҳои эҷодкарда, ватани ободи ва шаҳристонҳо ба харобазор табдил ёфта, дороиҳо ба ғорат рафтанд ва мардумонаш қатли ом шуданд. Ҳарчанд дар тӯли таърих ғоратгарон аз аҷдодамон давлатдорӣ, бунёди шаҳристонҳо, оину фарҳанг ва марзбандӣ омӯхтанд.

Мувофиқи пажӯҳиши муҳаққиқон давлатҳои куҳантаърих дар Осиёи Марказӣ: Бохтар, Суғд, Хоразм ва тамаддунҳои аввалияи бузург империяҳои Ҳахоманишӣ, Порт (занҷираи Ашконӣ), Кӯшонӣ, Ҳафталӣ ва Сосонӣ буданд. Маҳсули тафаккури давлатмардон бо ҳудуди паҳноварии ҷуғрофӣ ва таъсису ташаккули низоми ҳарбӣ: лашкари разманда (савора ва пиёданизом) ва сохтори мукаммали фармондеҳон, сипаҳбудон ва сарбозон, кашфу такмили аслиҳаи ҷангӣ барои мардумони дигар ҳамчун мактаби таҷриба ба кор омад.

Хидмати арзандаи тамаддунҳои пешин боз дар он зоҳир мешавад, ки мардумони ориёиро аз шаклу симо то қоидаҳои нонавишта барои оянда ҳифз намуданд. Анъанаҳо, оину русуми аҷдодиро аз даврон ба даврон такмил дода, дар бунёди халқияти тоҷик саҳм гирифтанд. Забон, фарҳанги неруманд ва анъанаҳои устувор аслиҳаи муҳташаме буданд, ки қудрати душманонро шикасту ночиз кард. Чуноне, араб бо ҳамлаи паҳноварaш марзҳои давлатдории ориёиро шикаст, вале дар фарҳанги ориёӣ ғарқ шуд. Арабҳо аз сари зин фаромада, аз чодарҳо дар қасру иморатҳои муҳташам муқим шуданд, зиндагию рӯзгори бодияро ба шаҳристонҳо бадал карданд. Аз донишу хату савод баҳравар гардида, сохтори идораи давлатро омӯхтанд. Ақвоми турк ва турктаборонро низ чунин сарнавишт пешорӯ омад. Ҳарчанд давлатҳо бо унвони сулолаҳои туркию муғулию манғитист, низоми идорӣ – дафтару девон, фарҳанг ва тарзи зист тоҷикӣ буд.

Ҳамакнун авзои ҷаҳони муосир дигаргуна аст. Агар дар замонҳои қаблӣ хати сарҳад марзи империя ё давлату миллат буд, ин замон чунин нест. Дар кишварҳои рушди иқтисодиашон баланд ва дар дараҷаи тафаккурашон ба хирад ороста даврони деворҳои симхорпеч ва бархӯрдҳои мусаллаҳона сипарӣ шуд. Давлатҳо дар ҳалли мушкилоти паҳновар дастаҷамъона амал мекунанд. Бозиҳои сиёсии аз умқи ғояҳои манфиатгаро беруншуда ҷаҳонро ба ҳалқаи хатарҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ сохтанд. Аз сиёсати нодурусти ғояпарастони ибтидои асри XX сарзамини тоҷикнишин дар як ҳолат намонд ва халқҳои дорои фарҳанги муштарак имрӯз дар ҳайати як кишвари воҳид нестанд. Авзои ҳамсоякишвари Афғонистон ба осудагӣ моил нест ва мардумонаш солҳост ба хоку хун оғӯштаанд.

Ҳамакнун, на танҳо Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, балки ҷомеи ҷаҳон рӯ ба рӯи як қатор мушкилот аст: ноороми авзои сиёсӣ, буҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва касодии фарҳанги ҷаҳонӣ, сиёсати геополитикии кишварҳои абарқудрат барои манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, василаҳои мухталифи дахолат ба корҳои дохилии давлатҳои навтаъсис, муқовимат бо неруҳои муташаккилу мусаллаҳи фаромиллӣ ва гурӯҳҳои муташаккили экстремистӣ (ифротӣ).

Ин тамоюл то кунун барҷост, зеро василаҳои таъсир ва интиқол такмил меёбад. Акнун неруҳои эҷодгари хатар василаҳои тозаи технологӣ - шабакаи интернет ва гунаҳои онро истифода мекунанд. Дар ин маврид тарбияи шаҳрвандони зираку огоҳ ва мусаллаҳ бо донишҳои замонавӣ роҳи ҳалли масъала дар амнияти мамлакат хоҳад буд. Ҳамакнун шикасти марзҳо (фарҳангӣ ва давлатӣ) бо василаҳои тоза, таҳоҷуми кул: сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зуҳур намуда, дар ахлоқ, маданият, худшиносӣ, ватанпарастӣ зиёни ҷиддӣ ба бор меоранд, ки аз таҳоҷуми ҳарбию афзорӣ хатарноктар аст.

Ин ҳама аз аломатҳои ҷаҳонишавист, ки таҳаввулоти иҷтимоиро ба миён оварда, ба пойгоҳҳои амнияти мамлакат зарбаҳои муҳлик мезанад. Бахусус, таҳримҳои иқтисодӣ ва воруди маводу маҳсулоти кимиёвӣ ба фалаҷгардонии иқтисоди дохилӣ мусоидат менамоянд. Дар ин маврид нақши дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва сарҳадӣ хеле муҳиманд. Ба василаи маводи ниёзи мардум ва бозичаҳои тифлона заҳролудшавии насл ба вуқӯъ мепайвандад, ки набояд аз эътибор дур бошад.

Асри XXI замони технология ё фанноварӣ аст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ муҳимияти марзу марзбандӣ аз миён намеравад, балки рисолату масъулияти марзбонон ба маротиб меафзояд. Реҷаи омадурафт тариқи хушкӣ ва роҳҳои ҳавоӣ беш аз пеш суръат мегирад. Ҷаҳон ба як хонаи бузурги бидуни марз табдил мешавад. Ҳама аз рӯзгори ҳамдигар ба воситаҳои технологии нав бохабар хоҳад буд. Ва низ метавонанд ба ҳар василае ба рӯзгор ва тафаккури халқҳо таъсири рӯҳию равонӣ бирасонанд. Дар ҳамин раванд кишвари ҳамешабаҳоре мисли Тоҷикистон, диққати сайёҳон, тоҷирон ва коршиносонро ҷалб менамояд.

Ҳоло дар сарҳад ба донандагони забонҳои гуногуни хориҷӣ зарурат доранд. Дар баробари ин, ашхоси хушахлоқ, бетамаъ ва огоҳу зирак чун симои миллат ва давлат муаррифӣ мешаванд. Дар қиёс бо замони пешин, инак дар сарҳад гузаргоҳҳо васл шудаанд ва воситаҳои тафтиш ҳам афзудаанду воситаҳои рафтуомад ҳам. Дар замони нав марзҳои ҳавоӣ (фазоӣ) низ ҳифз мешаванд. Дар ин самт бузургтарин дастовардҳои башарият - мушоҳидаву назорат аз кайҳон роҳандозӣ гардид. Ҳаракати техника, гирду ҷамъ омадани лашкару неруҳои ҳарбӣ аз кайҳон таҳти назорат мебошанд.

Зарур аст насли ҷавон аз ҷасорат, шуҷоат, диловарӣ ва дасту панҷаи қавӣ бархӯрдор бошад. Замоне шиор ба тариқи зайл буд: «Он ҷо, ки размозмоӣ бояд, сухансароиро нашояд». Кунун ҳар ду ҳам коромад аст. Андешаи ҳазор сол қабли Фаррухӣ хуб қавӣ бувад:

**Binoi мулк ба теғу қалам кунанд қавӣ,**
**Бад-ин ду чиз бувад мулкро шукӯҳу хатар.**
**Ҳама шаҳону бузургону хусравони ҷаҳон,**
**Бад-ин ду чиз ҷаҳонро гирифта сар то сар.**

Аз қалам ба кор гирифтан маънои донишвар будан аст. Овони дигаргуниҳои азим донишу андешаи саҳеҳро мепарварад. Ин замон дипломатҳо (сафирону фиристодаҳо), гумрукчиён, марзбононро сухани қавӣ ва мусаллаҳ будан бо технологияи навин фарз аст. Омӯхтани аркон ва аҳамияти марзу марзбонӣ дар донишгоҳҳои кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад, ки зарурати амнияти миллӣ ва давлатӣ ҳаминро тақозо дорад. Насли солим ва хирадсолори кишварро мебояд дар амну осоиш ҳамдасту ҳампаймони артишдорон бошанд. Аз қадим маъмул аст: «Машварат бо ҳушёрон чароғи фикр барафрӯзад ва мубоҳиса бо донишмандон чашми хирад равшан кунад».

**Ҷонибек АСРОРИЁН,**
**мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ**


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 майи соли 2024, соати 16:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97